# ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №3)

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 03.05.2025, №15**

Барои сазовор донистани Умарализода Таҳмина Мирзоали, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Диссертатсияи Умарализода Таҳмина Мирзоали таҳти унвони «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, таҳти №18/шд тамдидшуда) аз 22-юми феврали соли 2025, суратҷаласаи № 4 ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Умарализода Таҳмина Мирзоали 30-августи 1981 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Солҳои 1987-1998 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54 ноҳияи Ҳамадонӣ таҳсил карда, пас аз хатми он ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2003 хатм намудааст.

Умарализода Таҳмина Мирзоали ба ҳайси унвонҷӯ соли 2020 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул ва мавзуи рисолаашро дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи мазкур таҳти роҳбарии номзади илмҳои филологӣ, дотсент сарходими илмии институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирзоев Сайфиддин Ҷаборович тасдиқ намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дода шудааст. Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои «Таърих ва фалсафаи илм» «Забони хориҷӣ (забони франсузӣ)» ва «Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ» - ро бо баҳои «хуб» супоридааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро шуда, дар ҷаласаи васеи ҳамин кафедра (Суратҷаласаи №7 аз 23.02.2024) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Мирзоев Сайфиддин Ҷаборович,** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Мухторов Зайниддин Мухторович -** доктори илмҳои филологӣ, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе.

**Асоев Ҷоми Хайруллоевич –** номзади илмҳои филологӣ, мутахассиси шуъбаи равобити байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон.

Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи** забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Наврузшоев Баҳриддин Хушолович, ва номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи мазкур, Абдулфайзов Сайнурудин котиби илмии ҷаласа Собирова Уғулбӣ бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои ҳуқукшиносӣ, профессор Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Умарализода Таҳмина Мирзоали кори бaанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 8-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи талаботи** “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, асоснок шудаанд, зеро онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, вобаста ба самти мавзуи мавриди назар осору мақолаҳои илмӣ таълиф намудаанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаб 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва

мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд. Аз ҷумла:

**1.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**:

**[1-М] Умаралиева, Т.М.** Хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти ғалладона дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Т.М. Умаралиева // Маҷалаи илмӣ "Суханшиносӣ"-и Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ.- Душанбе, 2022.-№1. - С.73-78. ISSN 2308-7420.

**[2-М] Умаралиева, Т.М.** Баррасии олотҳои меҳнат ва тарзи корбурди онҳо дар кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Т.М.Умаралиева // Маҷалаи "Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ"- ДДОТ ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2022.-№5 (100). - С.82-87. ISSN-2219-5408

**[3-М] Умаралиева, Т.М.** Баррасии бархе аз вожаҳои маросимиву суннатии соҳаи кишоварзӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Т.М.Умаралиева // Маҷалаи "Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ"- ДДОТ ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2024.-№2 (109).-С. 54-57. ISSN-2219-5408

**[4-М] Умаралиева, Т.М.** Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти зироатҳои ғалладонаи ғилофакдор: дар заминаи маводи забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ [Матн] / Т.М.Умаралиева // Маҷалаи "Паёми ДМТ" – Душанбе, 2024. - № 6. – С. 227-233. ISSN-2413-516X

**[5-М] Умаралиева, Т.М.** Вожагиҳои марбут ба мафҳуми дарза, ғараму тӯдаи алаф ва зироатҳои ғалладонаи забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ [Матн] / Т.М.Умаралиева // Маҷалаи "Паёми донишгоҳи омузгорӣ"-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ. - Душанбе, 2024. - С. 83-90. - №3 (110). ISSN-2219-5408

**2. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[6-М] Умаралиева, Т.М.** "Хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти ғалладона дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" [Матн] / Т.М.Умаралиева // маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Солҳои рушди саноат (2022-2026)" (Душанбе, 18-23-юми апрели соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 647-651.

**[7-М] Умаралиева, Т.М.** Баррасии олоти меҳнат ва тарзи корбурди онҳо дар кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Т.М.Умаралиева // маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи Ташаккули механизми молиявӣ ва иқтисодии рушди ҶТ дар шароити ҷаҳонишавӣ бахшида ба солҳои рушди саноат (2022-2026) (Душанбе, 24-29 апрели соли 2023). Душанбе, 2023. – С. 506-508.

**[8-М] Умаралиева, Т.М.** Юғу испор ва ҷузъҳои вобаста ба онҳо дар заминаи маводи забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ/ Т.М.Умаралиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии "Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир". – Душанбе, 2023. – С. 282-286.

**[9-М] Умаралиева, Т.М.** Хусусиятҳои маънои ва луғавии феълҳои марбути соҳаи кишоварзии забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ

[Матн] / Т.М.Умаралиева // маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (20.02.2024). – Душанбе, 2024. – С. 50-53.

**[10-М] Умаралиева, Т.М.** Таҳлили вожаи кишоварз ва муодилҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Т.М.Умаралиева // Маводи конференсияи илмӣ-байналмилалӣ (18 майи 2024). – Душанбе, 2024. – С. 128-129.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

1. Тақризи доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Азизова Зарина Шавкатовна мусбат буда, ба автореферат як эрод гирифтааст:

А) Дар автореферати, диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ лексикӣ дида мешавад дар (саҳ. 8, 11, 17, 19, 20).

2. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисии факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Олматова Шарофат Сафаралиевна мусбат буда, ба автореферат натиҷаи назаррас додааст.

3. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, муаллимаи калони кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулихандони Маликнеъмат мусбӣ буда, ба автореферат се эрод гирифтааст:

А) Дар раванди ҷамъоварии истилоҳоти марбути кишоварзӣ аз сарчашмаҳои зиёде иқтибос овардааст. Хуб мешуд, ки ҳар як истилоҳоти марбутаро муаллиф бо тафсироташ нишон медод.

Б) Агар муаллиф дар заминаи таҳқиқотҳои забоншиносии хориҷӣ кори худро анҷом медод хеле хуб мешуд.

В) Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферати мазкур ғалатҳои услубиву имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад (саҳ. 15, 18, 19 ва ғайра).

4. Тақризи доктори (PhD) аз рӯи ихтисос, муаллими калони кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Сайфитдинова Мунира Раҳматовн мусбат арзёби карда шудааст.

Дар маҷмуъ, муқарризони беруна дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ** қайд мекунад, ки аз ҷониби довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар замина омӯзиши маводи илмӣ, илмӣ-методӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқот бори аввал истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)

мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, ин мавзуъ аз нигоҳи илмӣ **коркард карда шуд.**

Ҳамзамон, зимни таҳлил масъалаҳои зерин ба ҳайси навгонӣ бори нахуст аз нигоҳи илмӣ **муайян карда шуданд:**

- вожаҳои ба зироатҳои ғалладона, навъҳои онҳо, мафҳуми дарза, ҷой ва тарзи кӯфтани ғалла, калимаҳои ба рӯбучин ва бод додани ғаллаи куфташуда ва амсоли инҳо **муайян ва тавзеҳ дода шудаанд**;
- хусусиятҳои монанд ва фарккунандаи истилоҳоти кишоварзии забонҳои муқоисашаванда аз ҷиҳати сохтор **ошкор гардидаанд**;
- вижагиҳои сохторӣ ва семантикии вожаҳои кишоварзӣ, маросимӣ, суннатӣ, олотҳои меҳнат ва тарзи корбурди онҳо **муайян шудааст**;
- равиши нав дар мавриди тавзеҳи маъно, ки дар ин хол мафҳуми кишоварзӣ ба воситаи феълҳо **коркард гардидааст.**

**Аҳаммияти назарияви таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои илмии он имконоти назариявии донишмандони забоншиносро дар бахши таҳқиқӣ истилоҳоти кишоварзӣ такмил хоҳанд дод. Инчунин дар баррасии вижагиҳои сохториву маънoии луғоти соҳаи кишоварзӣ ҳамчун заминаи илмӣ накши муҳимро ба ҷо хоҳанд овард. Кори диссертатсионӣ, ҳамчунин, барои ташаккули минбаъдаи таҳқиқи муқоисавии калимаву истилоҳоти кишоварзӣ, аз ҷумла зироатҳои ғалладона ва истилоҳоти мансуби онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ асосҳои назариявӣ фароҳам меоварад. Дастовардҳои кори таҳқиқоти мавриди пажуҳиш метавонад ҳангоми таҳияи китобҳо, махсусан тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва ё баръакс, инчунин, баррасии воҳидҳои луғавӣ ва грамматикаи забон истифода гарданд.

Арзиши назариявии мавзуи мавриди таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои баррасишаванда, инчунин дар он инъикос меёбад, ки дар ин кори илмӣ аввалин бор хусусиятҳои сохториву маъноӣ ва семантикӣ, ташаккулу таҳаввули луғоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дода шудааст.

Муҳиммияти назариявии дигари пажуҳиш аз истифодаи натиҷаҳои он дар омӯзиши минбаъдаи қиёсии луғоти кишоварзии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои ошкор сохтани вижагиҳои умумӣ ва фарккунандаи ташаккулу таҳаввули захираҳои луғавии ин забонҳо иборат мебошад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои он барои таълиму тадриси фанҳои лексикология, морфология, граматика дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад. Инчунин маводи мавриди таҳқикро метавон ҳангоми таҳия ва тартиб додани фарҳангҳои терминологии тоҷикиву англисӣ, таълифи луғатҳои тафсирӣ ва соҳавӣ ба кор бурд. Маводи диссертатсия дар навиштани китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ оид ба таърихи забонҳои муқоисашавнда, лексикология, таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар истифода гарданд. Бахшҳои ҷудогонаи диссертатсияро ҳамчун маводи боэтимод ҳангоми хондани семинарҳои махсус роҷеъ ба масъалаҳои лексиология,

семантика дар факултетҳои филологӣ ва забонҳои хориҷии мактабҳои олӣ истифода бурдан мувофиқи матлаб мебошад.

Ҳамин тавр, аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он инъикос мегардад, ки хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия метавонад, дар шаклгирии корҳои илмии марбут ба пажуҳишҳои муқоисавӣ ва луғатнигорӣ ба кор раванд. Бо ҳамин мақсад ҷанбаҳои махсуси таҳқиқи мазкурро дар чунин самтҳо метавон истифода кард:

- барои таҳияи мавод дар баррасии масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ, лексикология, маъношиносӣ, фарҳангнигорӣ;
- барои такмили фарҳангҳои тафсирии забонҳои тоҷикиву англисӣ, соҳавӣ ва тахассусӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки** таҳқиқи вожаву истилоҳоти кишоварзӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва асосӣ мебошад. Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои бисёр муҳимми бахши иқтисод буда, доманаи васеъ ва густурда дорад. Роҷеъ ба бархе аз ҷанбаҳои соҳаи кишоварзии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пажуҳишҳое ба анҷом расида бошанд ҳам, вале тамоми паҳлуҳои онро фаро намегиранд.

Луғоти кишоварзӣ дар забоншиносии тоҷик бештар дар чорчӯбаи соҳаҳои мардумшиносӣ, лаҳҷашиносӣ, инчунин забоншиносии муқоисавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба паҳлуҳои забонии он камтар таваҷҷуҳ шудааст.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои асосӣ ва муҳимме ба ҳисоб меравад, ки зиндагии мардумро бидуни он тасаввур кардан имконнопазир аст. Аз ин сабаб ин соҳа низ дорои калимаву истилоҳоти махсуси худ мебошад. Мусаллам аст, ки кишоварзӣ як қисмати бузурги манбаи луғавии ҳар як забон, аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ташкил дода, фарогири доираи хеле васеъ аст. Луғоти соҳаи кишоварзӣ номи олотҳои меҳнат, набототу рустанӣ, ҳар гуна расму оин ва ғайраҳоро фаро мегирад, ки ҳар қисмати он таҳқиқи махсусро талаб мекунад. Муҳаққиқон дар пажуҳишҳои хеш чанде аз вижагиҳои анъанавӣ ва равандҳои гузашта ва имрӯзаи ин суннати мардумиро то ҷойи имкон нишон дода, маводи ҷолиберо дар ин маврид дар ихтиёри муҳаққиқин гузоштаанд. Бо вуҷуди ин, бояд зикр намуд, ки шарҳу эзоҳи лингвистии луғоти кишоварзӣ ба таври мукаммал баррасӣ нашудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқон дар он аст, ки** бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ луғоти соҳаи кишоварзии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нуқтаи назари вижагиҳои сохториву маъноӣ ва семантикӣ мавриди барраси қарор дода шудааст. Саҳми шахсии муҳаққиқ дар ҷамъоварии маводи пажуҳиш ва коркарду таҳқиқӣ он, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани маърузаҳои илмӣ ва таҳияву нашри мақолаҳо роҷеъ ба масъалаҳои мавзуи пажуҳиш зоҳир мегардад. Пажуҳиши мазкур заҳмати чандинсолаи муҳаққиқ ба ҳисоб рафта, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

Диссертант муаллифи 10 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 03-юми майи соли 2025, №15 дар бораи сазовор донистани Умарализода Тащмина Мирзоали бо дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 3 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 10 нафар иштирокдоштагон овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раис: раиси Шурои
диссертатсионӣ, профессор — Турсунов Ф. М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент — Ҳасанова Ш. Р.

3-юми майи соли 2025